## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсия ва автореферати Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода дар мавзуи «Ташаккули фарҳанги маънавии донишҷӯён дар фаъолияти таълимӣ - тарбиявии макотиби олӣ (дар асоси маводҳои таълими забони англисӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи илмҳои гуманитарӣ).**

Ислоҳоти муосири низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон муаммоҳои ҷадиди педагогиро ба миён гузоштаанд, ки бо омодагии босифати мутахассисони оянда, аз ҷониби онҳо фаро гирифтани сифатҳои зарурии ахлоқиву касбӣ алоқамандеанд. Ба он, ки шахсият дар раванди рушди касбӣ чӣ тавр низоми арзишҳои фарҳангии худро тарҳрезӣ менамояд, таносуби талаботи берунаи касб, ҷомеаи касбӣ ва олами ботинии худро таъмин мекунад, самаранокии фаъолияти касбии ӯ вобаста аст. Вобаста ба ин, дар ҳуҷҷатҳои муҳими давлатӣ “Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030” қайд шудааст, ки омӯзгор дар шароити ҷомеаи муосир бояд дорои фарҳанги баланди маънавӣ бошад, ки татбиқи вазифаҳои худро бо азму иродаи қавӣ таъмин намояд, қодир ба иҷрои амалҳои эҷодӣ оид ба тарбияи ҳаматарафаи хонандагони муассисаҳои таҳсилотӣ бошад ва қобилияти ташкили корҳои тарбиявии ахлоқиро соҳиб бошад.

Аз ин нуктаи назар, интихоби мавзуъ ва коркарди илмии дар шакли таткиқоти диссертатсионӣ аз тарафи Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода дар марҳилаи кунунии рушди маориф ва таҳсилот ҳамчун мавзуи муҳим ва рузмарраи илми муосири педагогӣ маҳсуб меёбад.

Диссертатсияи муҳаккиқ аз муқаддима, ду боб, хулосаи ҳар як боб дар алоҳидагӣ, хулосаи умумӣ, феҳристи адабиёт ва замимаҳо иборат аст. Дар муқаддимаи диссертатсия аз тарафи муаллиф оид ба мубрамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ, тавсифи

умумии таҳқиқот, мақсад, объект, предмет, фарзия ва усулҳои таҳқиқот, марҳилаҳои он, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишӣ, муътамадии натиҷаҳои диссертатсия, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳо, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот маълумоти пурра дода шудааст.

Диссертант дар коркарди мавзуъ ҳадафи таҳқиқотро-коркарди мундариҷа ва технологияи ташаккули фарҳанги маънавии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии бо воситаи таълими забони хориҷӣ муайян карда, бо дарназардошти он дар кори мазкур якчанд вазифаҳои зеринро гузоштааст. Аз ҷумла: - коркарди асосҳои назариявии ташаккули фарҳанги маънавии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ ва муайян кардани механизмҳои рушди онҳо дар қаринаи ошкорсозии махсусияти шуури арзишии донишҷӯён; - ошкор намудани мундариҷаи ташкилӣ-фаъолиятии таълими забони хориҷӣ ҳамчун воситаи ташаккули фарҳанги маънавии донишҷӯён; - коркарди консепсияи назариявӣ ва амсилаи ташаккули фарҳанги маънавии донишҷӯёни мактаби олӣ дар раванди таълими забони хориҷӣ бо назардошти арзишҳои миллӣ-фарҳангии халқи тоҷик; - тарҳрезӣ ва тариқи озмоиш санҷидани амсилаи таълимӣ-тарбиявӣ, низоми таъсироти педагогӣ ба донишҷӯ бо воситаҳои таълими забони хориҷӣ, ки ба ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯёни мактаби олӣ, ба таассуроти зеҳнӣ-психологӣ ва арзишӣ-мазмунии онҳо, фаъолгардонии сохтори субъективии низоми самтгирии арзишии онҳо равона гардидаанд.

Дар боби якуми диссертатсия, ки **«Асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯён ҳамчун сифати арзишманди касбии омузгори оянда»** номгузорӣ шудааст, муаммоҳои ташаккули фарҳанги маънавии донишҷӯён дар асоси таҳқиқотҳои фалсафию педагогӣ баррасӣ гардида, таҳлили мундариҷаи ташкилӣ-фаъолиятии таълими забони хориҷӣ ҳамчун воситаи ташаккули фарҳанги маънавии донишҷӯён анҷом ёфтааст ва консепсияи назариявӣ

ва амсилаи ташаккули фарҳанги маънавии донишҷӯён дар раванди таълиму тарбияи мактаби олӣ пешниҳод гардидааст.

Муаллифи диссертатсия, дар боби мазкур, такя ба омӯзиш ва таҳлили адабиётҳои сершумори илмӣ, аз нуктаи назари мо асоснок ва боэътимод хулосаи назарраси назариявиро таҳия менамояд ва дар он, аз ҷумла таъкид мешавад, ки - *арзиш* муносибатро ба шаклҳои ҳастии инсон фаро гирифта, ченкунии инсонии фарҳангро ифода мекунад; - *арзиш* ба хирад, ҳиссиёт ва иродаи инсон мурочиат менамояд, он ҳастии даркшуда ва ҳаётан эҳсосшуда аст; - *арзиш* муносибати инфиродӣ, шахсан тарҳрезишуда ба олам аст, ки дар асоси донишҳо, иттилоот оид ба таҷрибаи умумии инсонӣ (ба ғайр аз эҳсос, баҳодиҳӣ, хулосаҳо аз рӯйи воқеияти ҳаёт ҳамчунин ҳақиқати иҷтимоиро дар бар мегирад, ки берун аз дарки инфиродии ҳастӣ шакл гирифтаанд) пайдо мешавад; - *самтгириҳои арзишӣ* ҳам ба меъёру арзишҳои умумиинсонӣ, ҳам ба меъёрҳои таърихан шаклгирифтаи фарҳанг такя мекунанд.

Ба таври умум, дар ин фасли таҳқиқот унвонҷӯ дар асоси таҳлили теъдоди васеи адабиётҳои педагогию психологӣ доир ба асосҳои методологӣ ва назариявии ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯён тибқи дидгоҳи муосири илмӣ имкон пайдо кардааст, то ки моҳият, хусусиятҳои раванд ва шароитҳои ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯёнро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун масъалаи мубрами педагогии замони муосир муайян карда шаванд.

Дар боби дуюми пажӯҳиш, ки **«Технологияи педагогии ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯён ҳамчун сифати барои касб арзишманди педагоги оянда»** номгузорӣ шудааст, муаллиф дар бахшҳои алоҳидаи он перомуни масоиле чун: шартҳои педагогии ташаккули фарҳанги ахлоқӣ-арзишии донишҷӯён дар раванди таълиму тарбияи мактаби олӣ; тавсифи мундариҷаи кори таҷрибавӣ-педагогӣ оид ба ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯён; самаранокии технологияи педагогӣ оид ба ташаккули фарҳанги маънавии донишҷӯён дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро ба риштаи таҳқиқ

кашидааст. Дар боби мазкур, ки асосан ба корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ бахшида шудааст, мундариҷаи маводҳои сершумори он ба таври возеҳ ва равшан инъикос ёфтааст. Таҷрибаи гузаронидани таҳқиқот ба чунин муносибатҳои эмотсионалӣ ва баҳодиҳӣ мусоидат кардааст, ки дар раванди таъсироти мутақобили донишҷӯён бо оламиарзишӣ-маърифатӣ тавассути маводи матнӣ шакл гирифтаанд:

1. Соҳаи таҷридии (абстрактӣ) таъсироти мутақобил бо объектҳо, ки дар он таърифҳои арзишии маълум дар баробари мафҳумҳои дувумдараҷа амал карда, ҳамчун нуктаҳои одитарини ибтидоӣ зоҳир мешуданд.

2. Соҳаи когнитивии таъсироти мутақобил бо объектҳо.

Таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибаи кори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бобати ташаккули фарҳанги маънавии донишҷӯён, инчунин натиҷаҳои кори таҷрибавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, таҳлил ва ҷамъбасти миқдори зиёди маводҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ имкон доданд, ки диссертант хулосаҳои боэътимоди хешро дар ин асос пешниҳод созад.

Аз ҷониби муаллиф нуктаҳои асосии навгонии илмӣ хеле хуб нишон дода шудааст, ки онҳо аз нуктаҳои зерин иборатанд: - консепсияи илмӣ ва амсилаи ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ бо назардошти арзишҳои миллӣ-ахлоқии халқи тоҷик коркард шудааст; - принсипҳо ва механизмҳои ташаккули фарҳанги маънавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар қаринаи таҳсилоти инсонпарварона бо назардошти ҳуввияти миллӣ дар раванди таълими забони хориҷӣ асоснок гардидааст; - шартҳо ва омилҳое муайян шуданд, ки сатҳи баланди самаранокии ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва бомуваффақият ҳамгиро шудани онҳоро ба фаъолияти таълимӣ-маърифатии таҳсилот дар мактаби олӣ таъмин мекунанд; - ҳамбастагии ташаккули маҳорати пойгоҳӣ, касбӣ, эҷодӣ ва сатҳи ташаккули сифатҳои фарҳангӣ-маънавии шахсияти донишҷӯ ошкор гардидааст.

*Аҳамияти назариявии таҳқиқоти гузаронидаи Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода дар он зоҳир мегардад, ки* мафҳуми «шахсият бо арзишҳои маънавӣ» ҳамчун мафҳуми аз дидгоҳи педагогӣ тафсиршуда мушаххас ва дақиқ гардидааст, ки амалисозии ҳадафгузорӣ, пешгуии педагогӣ ва фарҳангикунонии таҳсилоти донишҷӯёнро имкон медиҳад; - низоми воситаҳои дидактикие коркард шудаанд, ки барои баланд бардоштани самаранокии ташаккули фарҳанги маънавии донишҷӯёни мактаби олӣ дар шароити кунунии низоми таҳсилот мусоидат менамояд; - нақши пешбари арзишҳои миллии фарҳангию маънавӣ дар ташаккули фарҳанги маънавии донишҷӯёни мактаби олӣ ошкор гардидааст.

*Аҳамияти амалии таҳқиқот* дар бунёди амсилаи воқеии ба амалия нигаронидаи ташаккули фарҳанги маънавии донишҷӯёни мактаби олӣ, коркарди муҷаҳҳазии иттилоотӣ-методии таъминкунандаи самаранокии баланди он, таҳияи дастурҳои таълимӣ ва тавсияҳо оид ба ташкили раванди таҳсилот дар мактабҳои олии ҷумуҳурӣ ифода меёбад. Барномаҳои муаллифии коркардшудаи махсус, ки самтгирии фарҳангӣ доранд, зимни омодагӣ ба курсҳо ва семинарҳои махсус дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи махсус, дар низоми донишкадаи такмили ихтисос, метавонанд истифода шаванд. Асосҳои амсиласозии вазъияти тарбияткунанда оид ба ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ ҳамчун маҷмуи методҳои илмӣ-таълимӣ, ки дар таҳқиқот пешниҳод шуданд, барои кормандони низоми маориф муфид буда, метавонанд дар таълими забонҳои хориҷӣ дар шароити муосири низоми таҳсилоти ҷумҳурӣ истифода шаванд.

*Саҳми шахсии диссертант дар таҳқиқоти рисолаи илмии мазкур дар* иштироки бевоситаи муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот, дар масъалаҳои таҳлилии кори илмӣ, гирд овардани мавод ва таҳлили амиқи адабиёти илмӣ, шарҳу тафсир ва муқоисаи назарияҳои олимони соҳа; коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда; таҳқиқ намудани сохтор ва мундариҷаи корбарӣ бо донишҷӯён; муайян кардани имконииятҳои муассисаҳои таҳсилоти олии

касбӣ ҷиҳати ташаккули фарҳанги маънавии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ; коркард ва тариқи озмоиш санҷидани сатҳи ташаккули фарҳанги маънавии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ; амалӣ намудани кори таҷрибавию озмоишӣ, мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор додани натиҷаи корҳои таҳқиқотӣ; интишори мақолаҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот зоҳир гардидааст.

***Дар баробари муваффақиятҳо ва дастовардҳои назарраси илмӣ дар диссертатсия аз нуктаи назари мо баъзе норасоиҳое низ ба чашм мерасад, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам самаранок гардидани таҳқиқот мусоидат менамояд:***

1. Мувофиқи мақсад мебуд, ки дар қисмати назариявии кор (хусусан дар боби якум) таҳлили асарҳои олимони ватанӣ, ки ба мавзӯи таҳқиқшаванда бахшида шудаанд, бештар ва дақиқтар баррасӣ мешуданд.

2. Дар матни диссертатсия намунаҳои бисёри чорабиниҳои фарҳангӣ, ки мазмуни баланди тарбияи маънавӣ доранд оварда шудаанд аммо хеле хуб мешуд, агар ба онҳо тавсифномаи пурра мешуд, мазмуни таҳқиқот боз ҳам баландтар мегашт.

3. Ба назари мо овардани баъзе таҷрибаи дигари муассисаҳои таҳсилотии олии касбии кишвар барои муқоиса намудан ва муайян кардани камбудиҳои вуҷуддошта дар ҳалли муаммои масъалаи таҳқиқшаванда мусоидат менамуд.

4. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои услубӣ, имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои ошкоршуда ба мазмуну муҳтаво ва аслияти кори диссертатсионӣ таъсир намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намекунанд. Кори диссертатсионӣ анҷомёфта буда, мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф ба мазмуни рисола мувофиқат мекунанд.

Диссертатсияи Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода хусусияти эҷодкориро доро буда, фарогири таҳқиқи муфассали муаммои мавзуи

таҳқиқшаванда аст ва натиҷагирию муқоисаи маводҳои оморӣ дар диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф соҳиби тафаккури илмӣ буда, маҳорати иҷрои амалҳои мураккаби илмиро соҳиб аст.

Қобили қайд аст, ки таҳқиқи муаммои ташаккули фарҳанги маънавии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи диссертатсионӣ бори аввал мавриди пажуҳиши илмӣ қарор гирифтааст.

Тавсия ва хулосаҳои илмии дар диссертатсия пешниҳодшуда, аз назари илмӣ ҳамчун дорои хусусиятҳои навгонӣ метавонад самаранок гардидани фаъолияти педагогии кормандони муассисаҳои муассисаҳои олии касбӣ мусоидат намояд.

Диссертатсияи Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода мантиқан ягонагии дохилиро риоя карда методҳое, ки дар раванди таҳқиқот истифода бурда шудаанд, сифати мусбии диссертатсияро ифода намуда, онро метавон минбаъд дар таҳқиқотҳои илмӣ вобаста ба объекти пажуҳиш мавриди истифода қарор дод.

Нуктаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 10 мақолаҳои илмӣ, аз он ҷумла 5 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар автореферати диссертатсия дарҷ гардидаанд, интишор шудаанд. Нашрияҳое, ки дар онҳо натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ интишор гардидаанд, дар худи диссертатсия ва хулосаи он бошад дар автореферат дарҷ гардидаанд.

Автореферати диссертатсия пурра муҳтавои рисоларо дар бар мегирад ва дар он натиҷаҳои асосӣ, ки дар бобҳо, зерфаслҳо ва зербандҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дарҷ гардидаанд, мутобиқат менамояд.

Диссертатсияи Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода дар мавзуи «Ташаккули фарҳанги маънавии донишҷӯён дар фаъолияти таълимӣ -

тарбиявии макотиби олӣ (дар асоси маводҳои таълими забони англисӣ)», таҳқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз руи ҳаҷм, арзиши назарӣ ва амалӣ ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат мекунад ва муаллифи он ба соҳиб шудани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи илмҳои гуманитарӣ) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ**
Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи педагогикаи
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Абдураҳимзода Қудратулло Саид

*Имзои профессор Қ.С. Абдураҳимзодаро тасдиқ менамоям:*
*Сардори ШК ва КМ – и Донишгоҳи давлатии*
*Бохтар ба номи Носири Хусрав* Исозода Т.И.

**Суроға**: *735140. Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Тел.+(992)3233-25481. Моб.918274643.*
E-mail: abdusamad06@mail.ru

«_1_» _майи_ 2025с.